«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ -иҷтимоии Тоҷикистон»
Ибодзода З.Ҳ
аз «16» 11 соли 2020 № 19

**НИЗОМНОМА
ОИД БА КОМИССИЯИ ОЗМУНИ БАРРАСӢ ВА БАҲОДИҲИИ ПЕШАКӢ БА ПАРВАНДАИ ШАХСИИ ДОВТАЛАБОНИ ВАЗИФАҲОИ ОЗОДИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМӮЗГОРОНИ
МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ -ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»**

Бо мақсади баррасӣ ва баҳодиҳии пешакии парвандаҳои шахсии довталабони ҷойҳои холии ҳайати профессорону омӯзгорон ва мувофиқати онҳо ба талаботи меъёрии қонунҳову низомномаҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди донишкада Комиссияи озмуни МТҒ «Донишкадаи тиббӣ -иҷтимоии Тоҷикистон», созмон дода мешавад.

**1.Муқаррароти умумӣ**

1.1.Бо фармоиши ректори донишкада Комиссияи озмун аз ҳисоби аъзоёни Шӯрои олимон ба мӯҳлати як сол дар ҳайати 7 ва ё 9 нафар таъин карда мешаванд. Комиссияи озмун аз раис, котиб ва аъзоёни он иборат мебошад.
1.2.Сардори шӯъбаи кадрҳои донишкада узви ҳатмии комиссияи озмун мебошад.
1.3.Комиссияи озмун фаъолияти худро дар асоси Низомномаи мазкур, ки дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишкада баррасӣ шуда, тибқи тартиботи муқарраршуда бо фармоиши ректори донишкада тасдиқ мегардад, амалӣ менамояд.
1.4.Ҳама қарорҳои комиссияи озмун дар ҷаласаҳои он тибқи муҳокимаи дастаҷамъи ва хулосаи умумӣ қабул мешаванд. Комиссия ба ҷаласаҳои худ довталабони вазифа ва ҳангоми аз нав интихобшавӣ – раиси комиссияи санҷиши фаъолияти довталабро даъват мекунад. Ҷараёни муҳокимаи масъалаҳо ва ақидаи аъзои ҷудогонаи комиссия аз ҷониби котиби комиссияи озмун сабт мешаванд. Суратҷаласа ва қарори он аз ҷониби ҳама аъзои комиссия тасдиқ мешавад.
1.5.Қарори комиссияи озмун бо овоздиҳии кушода қабул мешавад ва тавсиявӣ мебошад. Дар ҳолатҳои баҳсталаб райи раис ҳалкунанда ба ҳисоб меравад.

2. **Тартиботи ивази вазифаҳои ҳайати профессорону омӯзгорон**

2.1. Ректори донишкада дар аввали соли таҳсил дар мувофиқа бо раиси комиссияи озмун, котиби Шӯрои олимон ва сардори шӯъбаи кадрҳо

ҷадвали интихобшавӣ (аз нав интихобшави)-и ҳайати омӯзгороне, ки мӯҳлати интихоби онҳо дар соли ҷорӣ ба итмом мерасад, тасдиқ менамояд.

2.2 Дар давоми сол озмунҳо барои ишғоли вазифаҳои озод, эълон карда мешаванд. Озмун дар нашрияҳои даврӣ на камтар аз 2 моҳ пештар то давраи интихобот эълон мешавад. Аризаҳо барои иштирок дар озмун бояд дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ аз рӯзи нашр пешниҳод шаванд. Дар баробари эълон дар нашрияҳои даврӣ, ахбороти гузаронидани озмун дар тахтаи эълонҳои донишкада ҷойгир карда мешаванд.

2.3.Дар як вақт иштирок намудан дар озмун танҳо дар як донишкадаи олӣ иҷозат дода мешавад.

2.4. Шахсони хоҳишманди иштирок дар озмун ба номи ректори донишкада ариза супорида, ҳуҷҷатҳои зеринро замима менамоянд:

- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба маълумоти олӣ, такмили ихтисос, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, дараҷаи тахассусӣ;
- тавсиянома аз ҷойи кори охирин;
- рӯйхати корҳои илмии нашргардида ва ихтироот;
- ҳисобот оид ба корҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ (дар ҳолати аз нав интихобшави ба мӯҳлати такрорӣ).

2.5. Ҳамаи маводҳои ба озмун воридгардида пешаки дар ҷаласаҳои кафедра ва ё курсҳои мувофиқ баррасӣ мегарданд. Ҷаласаи кафедра ва ё курс доир ба муҳокимаи номзад ба вазифаи мудири кафедра ва ё курс бо иштироки декани факултет гузаронида мешавад. Натиҷаҳои қарори қабулнамудаи ҷаласаи кафедра ва ё курс ба таври хатти ба комиссияи озмун пешниҳод карда мешавад. Қарор бо тариқи овоздиҳии кушод қабул карда мещавад.

2.6.Дар ҳолати ба мӯҳлати такрорӣ ба вазифаи мудири кафедра ва ё курс, профессори кафедра, дотсент ва ё ассистент аз нав интихоб гардидан, ректори донишкада оид ба санҷиши фаъолияти таълимӣ-илмӣ ва табобатии довталаб комиссия таъсис медиҳад. Раиси комиссияи мазкур ба ҷаласаи комиссияи озмун даъват шуда, натиҷаи санҷиш аз ҷониби ӯ хонда мешавад.

2.7.Комиссияи озмун ҳуқуқ дорад, ки аз довталабони озмун шарҳи масъалаҳои ба интихоби онҳо дахлдорро талаб намояд.

2.8.Вазифаҳои озоди ҳайати профессорону омӯзгорон, мудирони кафедра ва курсҳо, профессорони кафедра, дотсентҳо ва ассистентҳо - ба мӯҳлати 4 (чор) сол интихоб мешаванд.

2.9. Дар озмун барои ишғоли вазифаи озоди мудири кафедра, курсҳо ва ё профессори кафедра, чун қоида, шахсони дараҷаи доктори илми тиб ва ё унвони илмии профессор дошта, иштирок карда метавонанд.

2.10. Барои ишғоли вазифаи озоди ассистентӣ иштироккунандагони озмун бояд таҷрибаи кори омӯзгори (илмӣ-таҳқиқотӣ) ва истеҳсолиро дошта бошанд.

Шахсони дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос, дараҷаи илмии номзади илми тиб дошта дар навбати аввал барои ишғоли ин вазифаҳо тавсия мешаванд.

2.11. Доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисос, дотсентон (номзади илми тиб) барои ишғоли вазифаҳои мудирони кафедра ва курсҳо ба мӯҳлати як давраи интихоби (4 сол) роҳ дода мешавад. Бо гузашти як мӯҳлати давраи интихобот, доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисос, дотсентон (номзади илми тиб), ки вазифаи мудирони кафедраҳоро ишғол менамуданд ба азнав интихобшавии давраи дуйюм бо пешниҳоди ректори донишкада роҳ дода мешаванд.

2.12. Вазифаҳои мудирони кафедра ва курсҳоро метавонанд мутахассисони дорандаи тахассусӣ дараҷаи олӣ, ки унвони илмӣ ва дараҷаи илмии муносиб надоранд, ишғол намоянд.

2.13. Комиссияи озмун ҳангоми ошкор намудани номувофиқии аломатҳои тахассусӣ ва ё дар ҳолатҳои баҳсталаб, метавонад парвандаҳои шахсиро бо тавсияи хулоса ба баррасии ректори донишкада пешниҳод намояд. Дар ҷаласаи Шӯрои олимон раиси комиссияи озмун хулосаро оид ба мувофиқати амалиёти омодасозии парвандаҳо ва аломатҳои касбии номздҳо бо талаботи қонунгузори баён менамояд, ба ҳолатҳои баҳсталаб, диққатро ҷалб мекунад, парвандаҳои шахсиро, ки бо тариқи истисно бояд баррасӣ гарданд, ҷудо менамояд, тавсияҳои комиссияро тавсия мекунад.

Комиссияи озмун, хусусияти тавсиявӣ доштани қарорҳоро ба назар гирифта метавонад дар баҳсҳои ҷаласаи Шӯрои олимон иштирок наварзад ва қарорҳои худро асоснок нанамояд.

Низомнома дар халасаи Шерои олимони донишкада «28» октябри соли 2020 (суратҷаласаи №4/5) баррасb шуда, ҷонибдорӣ карда шудааст.